**Суратмаҷлиси №5-и**

ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-070-и
назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва
Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон

аз 26-уми марти соли 2026 шаҳри Душанбе

*Иштирок доштанд*:
аз 16 нафар аъзои
шуро 16 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ** дар мавзуи **«Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) (*роҳбари илмӣ: доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода*) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ Низомов Аслиддин дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ ба шурои муштараки диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Л.А. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои муштараки диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бино бар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР ҚАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Убайдзода Бахтиёр Аҳрорӣ дар мавзуи «Ҳалли композитсионӣ дар бузургсилсилаи полифонии Фирӯз Баҳор 24 прелюдия ва фуга «Нақши паранд» барои фортепиано» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Додхудоева Лариса** – доктори илмҳои таърих, муовини раиси шурои муштараки диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Латифзода Диловар Назришоҳ –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ, узви шурои муштараки диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Назарова Лариса Александровна** – номзади илмҳои санъатшиносӣ, узви шурои муштараки диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои муштараки диссертатсионӣ,
доктори илмҳои санъатшиносӣ Низомов Аслиддин

Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Лутфулло Абдулло